# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ
ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ
КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ
ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ «СУРУД ВА МУСИҚӢ”

**Душанбе – 2023**

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/37, аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб:** М. Ҳусайнов- омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ -гуманитарии МДДЧТИБКСМ

**Муқарризон:** Ш.Суриева – ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои технология (таълими меҳнат), тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаи таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ.
**Б.Нодиров-** мудири шуъбаи хадамоти таҳсилоти умумӣ

**Муҳаррир:** А.Ҳофизов – омӯзгори Муассисаи давлатии “Мактаб- интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи М. Атоев

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандартҳои фанни “Суруд ва мусиқӣ” таҳия гардидааст. Он алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.
Дар барнома оид ба навгониҳо, роҳҳои мувофиқи истифодабарии усулҳои фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар муносибати таълими босалоҳият ба таълим аҳамияти махсус дода шудааст.
Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни “Суруд ва мусиқӣ” тавсия мегардад.

# ПЕШГУФТОР

Таҳияи барномаи таълимӣ пеш аз ҳама барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва шиносой бо дастовардҳои олимони соҳа манфиатбахш мебошад. Барномаи таълимии мазкур дар асоси Стандартҳои фанни "Суруд ва мусиқӣ" таҳия гардидааст. Он алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Барномаи таълимии фанни "Суруд ва мусиқӣ" дар асоси муносибати таълими босалоҳият таҳия шуда, он аз 54 соат (22 соат назариявӣ, 32 соат амалӣ), бо назардошти собиқаи фаъолияти педагогии омӯзгорон (шунавандагон) дар се бахш таҳия шудааст.

Ҳангоми ҳаллу фасли маводи барнома ба худомӯзии муаллим диққати ҷиддӣ дода, мавзуъҳои проблемавӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Мақсади асосии барнома шинос намудани шунавандагони курс бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асноди меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, баланд намудани маҳорати касбии омӯзгорон, усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ ва хусусии таълими ин фанҳо дар синфҳои алоҳида бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим оид ба дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, ҳифзи табиат, пешгирии касалиҳои сирояткунанда,тарзи ҳаёти солим, тарбияи таҳамулпазирӣ низ маълумот пайдо мекунанд.

Дар барнома оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар мактаб низ аҳамият дода шудааст, ки он ба омӯзгор оид ба тарзи тайёр намудани ҳуҷҷатҳои мактаб кӯмак менамояд.

Барнома, асосан, ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд.Донистани усулҳои гуногуни тарзи таълим ва

муқоисаи онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар таълими ин ё он мавзуъ ин ё он усулро интихоб намуда, дониши хонандаро мукаммал намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити кунунӣ нарасидани мутахассисони фанни, махсусан суруд ва мусиқӣ, инчунин дар шакли маҳдуд қарор доштани соатҳои дарсӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Бинобар ин, дар КТИ-и омӯзгорон бештар муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ низ ҷалб мегарданд.

Дар рӯйихати адабиёти истифодашаванда адабиёти марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ» дахлдошта тавсия дода мешаванд.

**1.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**2.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**3.Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Суруд ва мусиқӣ» дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни «Суруд ва мусиқӣ», китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;

- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои суруд ва мусиқӣ мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати салоҳиятнокӣ нигаронидашуда, ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ - эстетикиро ба назар мегиранд;
- арзёбии ҳаёт ва фаъолияти адибони гузаштаву муосирро меомӯзанд;
- ба омӯзиши лаҳзаҳои хаёлангезу андешапарвари асарҳои мусиқӣ, ки дар воқеияти табиӣ, тасвирҳои хаёлии ҷолиб, нишонаҳои асотирии қадим инъикос ёфтаанд, диққат медиҳанд ва ҳоказо.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Пас аз хатми курс шунаванда бояд:**

- моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанни «Суруд ва мусиқӣ»;
- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

**Ба салоҳиятҳои зерин бояд ноил гардад:**

- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз уҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон барояд;

- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ - коммуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни «Суруд ва мусиқӣ» ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ» бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаи зеринро бояд дошта бошад:**

- технологияи муосири педагогии таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ»;
- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;
- методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

**Нақшаи**

**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорни фанни суруд ва мусиқӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 54 | 22 | 32 |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни “Суруд ва мусиқӣ”**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **I.** | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 1.1 | Таҳлили илмию методии барномаи таълимӣ ва сохтори китобҳои дарсӣ аз фанҳои суруд ва мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.2. | Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ. Принсипҳои асосӣ, роҳҳои баландбардорӣ ва самаранокии фанни мусиқӣ ва истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фан | 2 | | 2 |
| 1.3 | Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ. Аҳамияти омӯхтану шунидани суруду мусиқӣ дар ташаккули тарбияи эстетикӣ ва маънавии хонандагон | 2 | 1 | 1 |
| 1.4 | Дарки фаҳмиши мусиқӣ ва омӯзиши “Суруди миллӣ” дар дарсҳои аввали “Суруд ва мусиқӣ” | 2 | 1 | 1 |
| 1.5 | Ягонагии таълиму тарбия, дараҷаи бадеияти дарсҳои мусиқӣ. Алоқамандии м усиқии замонавӣ ба | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | эҷодиёти халқ. Суруди “Алла” | | | |
| 1.6 | Композиторони тоҷик. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. Шиносоӣ бо санъати ниёгон. Мусиқии классикӣ ва муосир | 2 | 1 | 1 |
| 1.7 | Қоидаҳои сурудхонӣ ва роҳҳои омӯзонидани анъанавӣ ва халқӣ дар дарси мусиқӣ бо истифодаи технологияҳои муосир. | 4 | 1 | 3 |
| 1.8 | Методикаи таълими иҷрокунандагӣ дар навозиши асбобҳои мусиқӣ ва ҷуркунии созҳо. Қоидаҳои аввалияи иҷрои машқҳои овозӣ. Чен кардани махсусияти усул дар таълими фан | 4 | 1 | 3 |
| 1.9 | Омӯзиши ҳуруфоти мусиқӣ (нотаҳо) | 2 | 2 | |
| 1.10 | Методи омӯзиши садои мусиқӣ ва ғайри мусиқӣ. | 2 | 2 | |
| 1.11 | Системаи мусиқӣ | 4 | 1 | 3 |
| 1.12 | Истифодаи асбобҳои мусиқӣ дар раванди дарс (Зарб, андоза ва суръат) | 4 | 1 | 3 |
| 1.13 | Методи омӯзиши машқҳои овозхонӣ дар дарси суруд ва мусикӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.14 | Воситаҳои аёнӣ ва истифодаи онҳо дар таълими мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.15 | Робитаи мусиқӣ бо табиат ва зиндагии инсон | 4 | 2 | 2 |
| 1.16 | Ҳамсароӣ (Хор) | 4 | 1 | 3 |
| 1.17 | Хусусиятҳои садоҳои мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.18 | Истифодаи усулҳои фаъол дар ҷараёни дарс | 2 | | 2 |
| 1.19 | Назарияи ибдтидоии мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.20 | Нишон додани пардаҳои асбобҳои мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |

**Мавзуи 1. Таҳлили илмию методии барномаҳои таълимӣ ва сохтори китобҳои дарсӣ**

Таҳлили ҷабҳаҳои илмию методии барномаи таълимӣ. Мақсад ва вазифаҳои таълими фан дар мактаб тибқи талаботи аснодӣ, ҳуқуқӣ ва дархости замон ва стандарти давлатии таҳсилот ва ҷомеа. Муҳокимаи нақшаи таълимии мактаби таҳсилоти умумӣ.Тарзи таҳлили мазмун ва мундариҷаи китоби дарсӣ. Сохтори китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимӣ ва стандарти давлатии таҳсилот. Баёни мавзуъҳо дар китоби дарсӣ. Ба назаргирии синну соли хонандагон дар баёни мавзуъҳои китобҳои дарсӣ дар синфҳои алоҳида.

Ба хонандагон дастрас будани мазмуни маводи китобҳои дарсӣ, тахлили моҳияти таълимию методии китоби дарсӣ, таҳлили маводи аёнии китобҳои дарсӣ, риояи робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ дар китоби дарсӣ. Мафҳумҳои асосии истифодашуда дар китоби дарсӣ. Методикаи ташаккули мафҳумҳои асосӣ.

Ороиши китоби дарсӣ. Таҷрибаҳо, намоишҳо ва номгӯи корҳои лабараторӣ. Мавҷудияти адабиёти методии тарзи таълими фан.

**Адабиёт**

1.Барномаи суруд ва мусиқӣ, барои синфҳои 5-6, Душанбе, 2002

2.Обидпур Ҷ., Суруд ва мусиқӣ, китоби дарсӣ барои синфи 4, Душанбе, 2007

3.Ҳалимов К., Суруд ва мусиқӣ, китоби дарси барои синфи 6, Душанбе, 2007

**Мавзуи 2. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ. Принсипҳои асосӣ, роҳҳои баландбардорӣ ва**

**самаранокии фанни мусиқӣ ва истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фан**

Принсипи системавӣ - омили муҳими инкишофдиҳандаи мустақилона кор кардан ва таҳқиқотчигии хонандагон. Ташаккулёбии дониш, малакаву маҳорати хонандагон.

Ҳавасмандгардонии хонандагон ба донишандӯзӣ. Ташаккул додани тасаввуроти мусиқӣ ва фаннӣ, ташаккули малака ва маҳорати донишандӯзӣ. Инкишоф додани қобилияти фикрӣ ва истифодабарии донишҳо дар амал.

Истифодаи маводи дар матбуоти педагогии ҷумҳурӣ чоп гардида (китобҳо, мултимедиапроекор). Истифодаи компютер дар машғулиятҳо. Истифодаи “DVD плеерҳо” ва триҷиди. Тарзи дурусти омӯзиши сурудҳо аз тариқи мулти-пликаторҳои синтезаторӣ.

**Адабиёт**


1. Алиев Ю., Методика музикального воспитания детей от детского сада
к начальной школе.- Москва,1998.

2. Ҳалимов К., Суруд ва мусиқӣ, китоби дарсӣ барои синфи 6.-Душанбе. 2007.

3.Охунов Ҷ., Назарияи ибтидоии мусиқӣ.- Душанбе, 2020.


**Мавзуи 3. Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ. Аҳамияти омӯхтану шунидани суруду мусиқӣ дар ташаккули тарбияи эстетикӣ ва маънавии хонандагон**

Вазифаи омӯхтан ва шунидани мусиқӣ дар таълими фан. Инкишофи малакаи суруд мусиқӣ дар давомоти таълими мусиқӣ. Ташкил ва методҳои шиносоӣ бо асари мусиқӣ.

Фанни мусиқӣ ҳамчун фанни зебопарастӣ. Таваҷҷуҳи маънавии хонанда ба садо ва дарки садои мусиқӣ. Майлу рағбати хонанда ба дарси мусиқӣ.Роҳҳои баланд бардоштани завқӣ мусиқӣ ва зебоипарастӣ.

**Адабиёт**


1.Обидпур Ҷ., Суруд ва мусиқӣ, китоби дарсӣ  барои синфи 4, Душанбе, 2007.
2. Сабзанов Я., Сурудҳо барои мактаббачагон, Душанбе, 1989.
3. Сафарали С. китоби дарсӣ  барои синфи 1, Душанбе, 2005.


**Мавзуи 4. Дарки фаҳмиши мусиқӣ ва омӯзиши "Суруди миллӣ"дар дарсҳои аввали "Суруд ва мусиқӣ"**

Қисматҳои асосии фаҳмиши мусиқӣ. Истифодаи усулҳои интерактивӣ (рӯзномаи дубахша). Моҳияти истифодаи усулҳои нав дар сифату самаранокии дарсҳо. Фаъолгардонии хонанда дар дарс. Тарбияи дарку фаҳмиши мусиқӣ, пайдо намудани малакаю маҳорати хондани суруд дар хонанда.

Пайдо намудани маълумоти ибтидоӣ дар бораи қоидаҳои асосии сурудхонӣ. Методикаи таълими дарси суруд. Омӯзиши Суруди миллии Тоҷикистон воситаи тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, эҳтиром ба марзу буми кишвар ва ба арзишҳои миллӣ.

Адабиёт


1.Охунов Ҷ.Суруди бачаҳо, Душанбе, 1976.
2.Ҳалимов К., Дарё, Душанбе,2000.
3.Сайфуддинов Ш. Салом бачаҳо.-Душанбе, «Ирфон»,1986.

**Мавзуи 5. Ягонагии таълиму тарбия, дараҷаи бадеияти дарсҳои мусиқӣ**

Алоқаи назария ва амалияи таълими фанни суруд ва мусиқӣ. Ҷиҳатҳои тарбиявии сурудхонӣ.

Мавридҳои истифодабарии айёниятҳо дар дарси мусиқӣ. Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ. Тавсифнома ва маълумоти умумӣ.

Методҳо ва истифодаи усулҳои фаъол ҳангоми ҳаракатҳои мусиқӣ - зарбӣ. Алоқаи мусиқӣ ва ҳаракат. Ҳаракатҳои рақсӣ. Ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ дар синфҳои 1-4 ва 5-6

**Адабиёт**

1.Охунов Ҷ. Назарияи ибтидои мусиқӣ, Душанбе. Ирфон, 2020.
2.Обидпур Ҷ. Дарси рубоб.-Душанбе, Ирфон, 1982

**Мавзуи 6. Композиторони тоҷик. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. Шиносоӣ бо санъати ниёгон. Мусиқии классикӣ ва муосир**

Таърихи санъати мусиқии халқи тоҷик. Ташаккули санъати мусиқӣ. Маълумот дар бораи композиторони тоҷик, ҳофизон ва сарояндагони мардумӣ.

Истифодаи методҳои гуногун ҳангоми шиносоӣ бо мазмун ва шарҳи мундариҷаи эҷодиёти онҳо.

Асосгузори мусиқии тоҷик-Борбади Марвазӣ. «Шашмақом» (маълумоти умумӣ). Жанрҳои мусиқии ниёгон (марсия, лапар ва фалак, эпоси Гурӯғлӣ).

Маълумот дар бораи мусиқии классикӣ ва муосир. методҳои сурудан ва иҷроиши он  дар раванди омӯзиш.

**Адабиёт**

1.Низомов А. Таърихи мусиқии тоҷик. Душанбе 2020
2.Ориёнур А. Рӯзгори Борбади ромишгар.-Душанбе, 1989.
3. Раҷабзода А. Аз нур то ситои Акашариф Ҷура, Душанбе,2000.

**Мавзуи 7. Қоидаҳои сурудхонӣ ва роҳҳои омӯзонидани анъанавӣ ва халқӣ дар дарси мусиқӣ бо истифодаи технологияҳои муосир.**

Зарурати замонавии ворид кардани шаклу технологияҳои нав дар таълим. Усулҳои шакли таълими мусиқӣ. Мувофиқати шакли таълими мусиқӣ ба талаботи методологияи принсипҳои таълимоти умумӣ. Муносибатҳои нави таълим ва роҳҳои эътимодбахши ҷорикунии онҳо дар ҷараёни таълими мусиқӣ. Таъсири муносибатҳои нав дар таълими мусиқӣ ба инкишоф ва дараҷаи мусиқифаҳмии хонандагон.
Барои инкишофи сарояндагӣ иҷрои машқҳои махсус ёрӣ мерасонад. Ба воситаи тамринҳо овозро сайқал намуда  ба сароидан омода шудан. Ҳар як машқи овозӣ  бо мақсади муайян гузаронида шуда, он дар зеҳни хонанда ҷойгир мешавад ва малакаи суруданро инкишоф медиҳад.
Баъзан барои ҷӯркунии овоз порчаҳои сурудҳо низ сароида истифода бурда мешаванд. Истифодаи технологияи муосир ба мисли (камертон,синтезатор) дар равиши дарс.

**Адабиёт**

1. Машқҳои мусиқӣ дар синфи 4.-Душанбе, 1990
2.Сабзанов Я. Суруди бачаҳо.- Душанбе, «Ирфон»,1977
3.Уроки музыки в начальных классах. Прос.1979.

**Мавзуи 8. Методикаи таълими иҷрокунандагӣ дар навозиши асбобҳои мусиқӣ ва ҷуркунии созҳо. Қоидаҳои аввалияи иҷрои машқҳои овозӣ. Чен кардани махсусияти усул дар таълими фан**

Ҳар як миллат оҳангу наво ва таронаҳои дилнавози худро дорад. Мусиқии халқӣ сарвати маънавӣ мебошад, ки асрҳои зиёде аз даҳон ба даҳон гузошта дар қалби мо ҷой гирифтааст.Истифодаи методикаи таълими-иҷрокунандагӣ барои омузиш дар созҳои мусиқӣ.Омухтани тарзи дурусти ҷурсозии созҳои мусиқӣ. Қоидаҳои аввалияи иҷрои машқҳои овозӣ. Чен кардани махсусияти усул дар таълими фан

**Адабиёт:**

1.Обидпур Ҷ. Китоби дарси рубоб.Ирфон 1982

**Мавзуи 9.Омӯзиши ҳуруфоти мусиқӣ (нотаҳо)**

Нутқи инсон ба воситаи ҳарфҳо дар хат ифода меёбад.Мусиқӣ бошад,ба воситаи аломатҳои махсуси худ. Барои ифода намудани асарҳои мусиқӣ аломатҳое истифода мебаранд,ки нота ном дорад.Омухтани ҳуруфоти мусиқӣ, мадидҳои он, пастиву баландии садоҳои мусиқӣ. Нотагоҳ.Хатҳои нотагоҳ.Тақтеъ ва хатҳои

тақтеъӣ.Системаи калидҳо.Истифодаи нотаҳо дар калиди скрипка.

**Адабиёт**

1. Охунов Ҷ.Назарияи ибтидоии мусиқӣ.Ирфон-2020

**Мавзуи 10. Садои мусиқӣ ва ғайри мусиқӣ.**

Дар табиат садоҳои бешумор ҳастанд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудаанд. Садои мусиқӣ ва ғайри мусиқӣ.Садо чист? Садо чӣ хел ба вуҷуд меояд? Кадом садоҳоро садоҳои мусиқӣ ва ғайримусиқӣ меноманд?

**Адабиёт**

1. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ.Душанбе, 2020.

3.Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. - Душанбе, 2006

**Мавзуи 11. Системаҳои мусиқӣ**

Пайдоиши тасаввурот оид ба мафҳумҳои система. Ба система даровардани садоҳои мусиқӣ бо муносибати фосилавии онҳо ва диапозонҳо.Қатори садоҳо ва ҷойгиршавии он.Номҳои асосии зинаҳо.Унисон.Ҷуркунии созҳо.Зина ва садоҳои асосӣ.Ҷойгиршавии пардаҳои нимтона ва яктона.

**Адабиёт:**

1. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ.Душанбе, 2020.
2. Обидпур Ҷ. Китоби дарси рубоб.Ирфон 1982

**Мавзуи 12. Зарб, андоза ва суръат**

Тағйирёбии қонунии садоҳои мусиқӣ,ки яке аз воситаҳои асосии ифоданок ва шаклташкилдиҳандаи мусиқӣ ҳисоб меёбад, зарб (ритм) номида мешавад.Зарб чист? Андоза чист? Андоза дар куҷои нотагоҳ гузошта мешавад? Рақами болоии андоза чиро мефаҳмонад,рақами поёнӣ чӣ?.Суръат чист? Суръатҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?Аҳамияти суръат дар мусиқӣ?.

**Адабиёт**

1. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ.Душанбе, 2020.
2. Обидпур Ҷ. Китоби дарси рубоб.Ирфон 1982

**Мавзуи 13. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни “Суруд ва мусиқӣ”**.

Иҷро кардани мусиқӣ. Сароидани озод, бурро ва бо талаффуз. Мунтазам мустақилона машқҳои иҷрокунандагӣ гузаронидан. Дар озмунҳо иштирок намудан. Дар чорабиниҳои консертӣ баромад кардан.

**Адабиёт**

1.Апраксина О.Музыкальное воспитание в школе.Выпю№17 Москва,1986
2.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоыик.қисми 1 ва 2 Душанбе 2002

**Мавзуи 14. Воситаҳои аёнӣ ва истифодаи онҳо дар таълими мусиқӣ**

Тасвири расмҳо, созҳо ва методикаи кор бо онҳо. Дар дарсҳои мусиқӣ дуруст ва мувофиқ будани тасвиру расмҳо дар таълим, дастраснамоӣ ва зиёд намудани завқу шавқи хонандагон ба фан аҳамияти калон дорад. Гузаронидани ҳар як дарси мусиқӣ натанҳо майлу хоҳиш, балки рағбат ва дарки фаҳмиши маводи таълимиро аз тарафи хонанда баланд бардошта, маҳорату малакаи ӯро сайқал медиҳад. Истифодаи синамои таълимӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки вай ба асбобҳои мусиқии надидааш шинос шавад, тарзҳои навохтан ва овози вайро дида шунавад, бо бузургони соҳаи мусиқӣ аз наздик шинос шавад,
Мушоҳида аввалин ва беҳтарин омили донишандӯзии хонанда, ҳамчун амалия чашму гӯшу дасташ (лмс) маълумотҳоро нисбати абобҳои мусиқии шунидааш ё чизҳои шунидааш зиёд намуда, малака ва маҳорати худашро сайқал медиҳад.

**Адабиёт:**

1.Маҷаллаи “Омузгор”. №16 20.04.2023
2.Истифодаи аёниятҳо.

## Мавзуи 15. Робитаи мусиқӣ бо табиат ва зиндагии инсон

Мусиқӣ бо табиат, яъне ба олами атрофе, ки моро иҳота кардааст, алоқаи зич дорад. Инсон ҳангоми омӯхтани табиат дар натиҷаи мушоҳидаҳои чандин асринааш табиатро омӯхта бо забони фораму дилкаши он, ки мо мусиқӣ меномем, шиносоӣ пайдо карда, дар натиҷаи алоқаманд намудани он ба ҳақиқати дарки воқеӣ мафҳуми мусиқиро ба худ кашф намуд. Тамоми мавҷудот ва ҳодисоти олами атроф ба худ хос як овозе дорад, ки аз бо савтҳои мувофиқ, вале ба мо нофаҳмо эҷод карда шудааст. Вале инсоният бо донишу мафкураи мукаммали худ тавонист на танҳо сеҳри овозу мусиқии табиатро шинохта омӯхт, балки онро дар ҳаёти рӯзмарраи худ истифода бурд.
Мусиқӣ махсусан ба олами равонии инсон (шодию сурур, дарду ғам, эҳсосот) алоқамандии сахт дошта, мусиқии табиатро ба мусиқии дарки худаш мувофиқ кардааст. Инсоният ҳаёти худашро бе мусиқӣ тасаввур карда наметавонад, чунки мусиқӣ барои инсоният ҳамчун ҳаво мебошад.

**Адабиёт**


1. Ригина Г.С. Уроки музыки в начальных классах.-Москва, 1979.
2. Ҳалимов К. Суруд ва мусиқӣ, китоби дарсӣ барои синфи 6.-Душанбе, 2007.
3. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ.- Душанбе, 2020.

**Мавзуи 16.Ҳамсарой (хор)**

Маълумот дар бораи ҳамсарой ва таркиби овозии он. Кор бо хори вокалӣ (овозӣ), бо овозҳо ва қатори ҳамсароён. Принсипҳои асосӣ ва методҳои ҳамсарой (овозбарорӣ, нафаскашӣ, диксия, машқҳои овози хорӣ ва таллафузи калимаҳо зимни сурудан).

Овозҳои занона ва мардона. Овози пасти мардона бас, баретон ва баландаш тенор мебошад. Овози пасти занона алт ва овози баландаш сопрана мебошад. Хори вокалӣ аз яковоза то панҷовоза мешавад. Барои инкишофи малакаҳои сарояндагӣ иҷрои машқҳои махсус ёрӣ мерасонад. Машқҳо пеш аз иҷрои сурудҳо сароида мешавад. Ба воситаи машқҳо мо гӯё овозамонро ҷӯр мекунем ва ба сароидан тайёр мешавем.

Барои инкишофи малакаҳои сарояндагӣ иҷрои машқҳои махсус ёрӣ мерасонад. Машқро дар як садо сароидан. Калимаҳоро пурра талаффуз намудан. ба сароидани дигарон гӯш додан. Бикӯш, ки овозат дар хорсарой аз дигарон фарқ накунад. Ҳиҷои охиронро кае бақувват ва баландтар саро.

**Адабиёт:**

1.Ҳалимов К.,”Суруд ва мусиқӣ” Китоби дарсӣ барои синфи 6 Душанбе 2007.

**Намунаи суруду мусиқиҳои муосири тоҷик, дар дарсҳои «Суруд ва мусиқӣ» истифода бурд**.

1. «Суруди миллӣ», шеъри Г.Келдӣ, оҳанги С.Юдаков.
2. «Валс», оҳанги Я. Сабзанов.
3. «Соли нав», шеъри А.Баҳорӣ. оҳанги Х.Абдуллоев.

4. «Варзиши пагоҳӣ», оҳанги Ю,Пӯлодов.
5. «Артиши миллӣ», шеъри Н. Боҳирӣ, оҳанги Я. Сабзанов.
6. «Суруди садоқат», шеъри К. Олимов, оҳанги С.Билолов.
7. «Мо насли наврас», шеъри А.Сидқӣ, оҳанги Я. Сабзанов.
8. «Пудинаи боғӣ», оҳанги З. Шаҳидӣ.
9. «Дунёи миллат», шеъри н. Боҳирӣ, оҳанги Ш. Сайфиддинов.
10. «Ид омад», оҳанги Ҷ.Охунов.
11. «Шод ба мактаб равем», шеъри Н. Розиқ, оҳанги Я.Сабзанов.
12. «Марши зафар», шеъри А.Лоҳутӣ, оҳанги Ҷ.Охунов.
13. «Модарҷон», шеъри М.Диёрӣ, оҳанги Я.Сабзанов.
14. «Сарбози Ватан», оханги С. Билолов.
15. «Забони тоҷикӣ», шеъри И.Яъқубов, оҳанги Ҷ. Охунов.
16. «Гули лола», оҳанги халқӣ.
17. «Кишвари зебои ман», шеъри Н.Бақозода,оҳанги Ҷ.Охунов.
18. «Шаҳри азиз», шеъри Ф.Ансорӣ, оҳанги Я.Сабзанов.
19. «Қӯшчинор», оҳанги классикӣ.
20. «Суманак», шеър ва оҳанги халқ.
21. «Офтоби ман», оҳанги Қ. Яҳёев.

**Мавзуи 17. садоҳои мусиқӣ**

Нишон додани алифбои мусиқӣ ба шунавандагони курс. Қисматҳои мусиқӣ. Кор бо алифбои мусиқӣ.

**Мавзуи 18. Истифодаи усулҳои фаъол дар ҷараёни дарс**

Усулҳои фаъол (ҳамфаъол) ва зуҳуроти он дар таълим. Муқоисаи усулҳои фаъоли таълим ва усулҳои анъанавӣ. Муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои усулҳои фаъол ва анъанавӣ. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда. Кор бо усулҳои «Кластер», ҷадвали «Инсерт», «Диаграммаи Венн», диаграммаи «Чӣ тавр?», диаграммаи «Барои чӣ?», усули «Т-нақша», "Ангезиши зеҳн", "Шаршара", "ММД", "Синквейн", "Пешгӯӣ", "Ист" "Блитс-пурсиш" ва ҳоказо.

**Мавзуи 19. Назарияи ибдтидоии мусиқӣ**

Нишон додани раххҳои нотагоҳ дар мусиқӣ. Таърихи пайдоиши мусиқӣ. Сароидани машққҳои овозхонӣ.

**Мавзуи 20. Маълумот дар бораи пардаҳои асбобҳои мусиқӣ**

Нишон додани чиликҳо дар пардаҳои дутор. Кор бо пардаҳои рубоб. Пардаҳои тор.

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.